**Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи "Тартиби гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ"**

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Лоиҳаи "Тартиби гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ" |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад | Субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ |
| Мухлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 31.07.с.2024 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи Тартиби мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 марти соли 2024 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати он аз 12 март то 12 апрели соли 2024 гузаронида шуд |
| Маҷмӯи таклифҳои аз рӯйи натиҷаи ҷойгирокунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома дар Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани лоиҳаи Талаботи мазкур таклифу пешниҳодҳо ворид нагардид.<br>Вобаста ба огоҳинома оиди таҳияи лоиҳаи Тартиби мазкур Маркази миллии қонунгузорӣ дар хулосаи худ аз 16 апрели соли 2022, №46/2с қайд намудааст, ки огоҳинома тибқи талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" таҳия карда шудааст |

| | |
|---|---|
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад. | Бинобар сабаби мавҷуд набудани санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор, ки раванди гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавиро пурра ба танзим медарорад, фаъолияти суғуртавӣ аз ҷониби субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ ба таври зарурӣ ба роҳ монда намешавад.<br>Бо мақсади ба роҳ мондани назорату танзим ва саривақт гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ, Бонки миллии Тоҷикистон лоиҳаи Тартиби мазкурро таҳия намуд.<br>Дар ҳолати қабул нагардидани Тартиби номбурда, талаботи қонунгузорӣ бе иҷро боқӣ монда, танзиму назорати субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ ғайриимкон мегардад. Чунин ҳолат ба рушди бозори суғурта ва ҳимояи манфиатҳои молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ таъсири манфӣ мерасонад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назорати суғуртавӣ лоиҳаи "Тартиби гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ"-ро бо назардошти муқаррароти моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ва моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи мутақобила" бо мақсадҳои зерин таҳия намудааст:<br>- асосҳо барои гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ;<br>- ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон;<br>- мукаммал намудани инфрасохтори бозори суғурта;<br>- нигоҳ доштани низоми устувори суғурта дар |

| | |
|---|---|
| | Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- самаранок ба роҳ мондани масъалаҳои танзиму назорат аз рӯйи фаъолияти субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ;<br>- амалишавии талаботи моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ". |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ). | Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назорати суғуртавӣ эътироф гардидааст. Мутобиқи моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" назорати риояи қонунгузорӣ дар соҳаи суғурта бо роҳи гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми назорати суғуртавӣ амалӣ карда мешавад.<br>Бидуни таҳияи чунин санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҳамчун муқаррароти Қонуни болозикр пешбинӣ шудааст, ҳалли мушкилоти ҷойдошта ва ба танзим даровардани бозори суғуртаи кишвар ғайриимкон мебошад. Зеро Бонки миллии Тоҷикистон дигар роҳҳои ҳалли мушкилотро низ мавриди баррасӣ қарор дод, аммо натиҷа надод. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда аз ҷумла, чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, ӯҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии | Лоиҳаи "Тартиби гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ" танзими фаъолияти субъектҳои фаъолияти суғуртавиро бо роҳи гузаронидани санҷишҳо муқаррар намуда, ҳимояи манфиатҳои қонунии суғурташавандагон ва давлатро таъмин менамояд.<br>Дар лоиҳаи Тартиб чораҳои зерин пешбинӣ гардидааст:<br>- ҳуқуқу ӯҳдадориҳо ва масъулияти намояндагони ваколатдори Бонки миллии Тоҷикистон муайян гардидааст;<br>- талабот оиди омодагӣ барои гузаронидани |

| | |
|---|---|
| интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот. | санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ муайян гардидааст;<br>- асосҳо барои гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ пешбинӣ шудааст;<br>- талабот оиди барасмият даровардани санад дар хусуси мамониат ба гузаронидани санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ;<br>- талабот барои ба расмият даровардани натиҷаҳои санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ;<br>- хусусиятҳои ба расмият даровардани санади санҷиш то ба анҷом расонидани санҷиши субъекти фаъолияти суғуртавӣ;<br>- тартиби шинос намудани субъекти фаъолияти суғуртавӣ ба санади санҷиш;<br>- талабот ба хусусиятҳои санҷиши филиалҳо ва намояндагиҳои субъектҳои фаъолияти суғуртавии суғуртавии хориҷӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои хориҷии субъектҳои фаъолияти суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон.<br>Дар лоиҳаи Тартиби мазкур чунин уҳдадориҳо пешбинӣ карда шудаанд:<br>- субъекти фаъолияти суғуртавӣ уҳдадор аст, ки ба роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш дар гузаронидани санҷиш мусоидат намояд;<br>- роҳбари субъекти фаъолияти суғуртавӣ, ки мавриди санҷиш қарор мегирад, на дертар аз рӯзи кории пас аз санаи оғози санҷиш уҳдадор аст шахсони мансабдор ва кормандони худро, ки бояд бо роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷиш ҳамкорӣ намоянд, муайян кунад;<br>- дар шакли хаттӣ оид ба кормандони масъул роҳбари гурӯҳи санҷишро огоҳ намояд;<br>- аз санаи оғоз то анҷоми санҷиш, барои бемамониат ба бино ва дигар биноҳои хидматии субъекти фаъолияти суғуртавии |

| | |
|---|---|
| | санҷишшаванда ворид шудани гурӯҳи санҷишиpo таъмин намоянд;<br>- роҳбар ва аъзои гурӯҳи санҷишро бо ҳуҷҷатҳои (иттилооти) барои гузаронидани санҷиш зарурӣ, бо низоми автоматишуда ва иттилоотии субъекти фаъолияти суғуртавӣ дар тартиби аз назар гузаронидан ва интихоб карда гирифтани иттилооти зарурӣ, ҳамчунин гирифтани нусхаи ҳуҷҷатҳо (иттилоот) дар воситаҳои электронӣ ва коғазӣ, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои дар низоми автоматишуда ва иттилооти маҳфузбударо таъмин кунанд.<br>Дар тартиби мазкур маҳдудиятҳо пешбинӣ карда нашудааст. Рушди инфрасохтори бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра инкишоф ёфта, зарурати назорат ва танзими ҳар як самти бозор бо роҳи таҳия намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус ба миён омадааст.<br>Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор рушди босамари бозори суғуртаи мамлакат, инчунин иҷрои талаботи муқаррарнамудаи сархати 2 қисми 5 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ва моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи мутақобила", лоиҳаи Тартиби мазкурро таҳия намудааст. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва роҳҳои дигари интихобшудаи ҳалли | Қабули Тартиби мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br>-риояи муқаррароти қонунгузорӣ таъмин мегардад;<br>- сатҳи хизматрасониҳои суғуртавӣ ба аҳолӣ беҳтар мегардад;<br>- қонунвайронкуниҳо аз ҷониби субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ пешгирӣ карда |

| | |
|---|---|
| мушкилот. | мешаванд;<br>- барои баланд бардоштани эътимоди суғурташавандагон ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо такони ҷиддӣ мебахшад.<br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:<br>- диверсификатсияи дороиҳо амалӣ шуда, сармоягузорӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт меафзояд;<br>- ба таври дуруст ба роҳ мондани раванди андозбандии субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ таъмин мегардад; |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он. | Дар ҳолати қабул гардидани Тартиби мазкур назорати риояи қонунгузорӣ дар бозори суғурта бо роҳи гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ тибқи таҷрибаи байналмилалӣ ба роҳ монда шуда, ба ин васила риояи қонунгузорӣ аз ҷониби субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ таъмин карда мешавад. Дар баробари ин, таъсис ва нигоҳдории низоми суғуртаи устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон таъмин мегардад. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он. | 31.08.с.2024. |

Муовини раис Икромӣ С. С.